Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳуии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Яке аз омилҳои муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҷоноknамои саноатикунонии босуръати кишвар, новобаста аз тағйирёбии омилҳои берунӣ ва дохилӣ, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ барои истеҳсоли ашёи хом ва маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳад, ки аҳолии кишвар бо ғизои хушсифат ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо ашёи хом таъмин карда шаванд.

Дар шароити муосир муваффақ шудан ба ҳадафҳои мазкур аз пешбурди илман асосноки такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда аз он иборат мебошад, ки дараҷаи даромади аксари молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба онҳо барои ба таври васеъ ба роҳ мондан, нигоҳ доштан, нав кардани манбаи моддию техникии истеҳсолот имконият намедиҳад ва ин яке аз сабабҳои асосии паст шудани дараҷаи интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳалли мушкилоти такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ барои ташкили ҷойҳои корӣ, афзоиши даромад ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар автореферати диссертатсия қайд шудааст, ки зиёд кардани самараи истеҳсолоти кишоварзӣ шарти асосии таъмини раванди такрористеҳсол, барқарор намудан ва тавсеаи раванди такрористеҳсол яке аз омилҳои асосии таъмини устуворӣ ва тараққиёти бемайлони соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, такрористеҳсол дар корхонаҳои

кишоварзӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба ва ҷудонашаванда тавсиф шуда, дар шароити муосир такмили идоракунии раванди такрористеҳсол яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи менеҷмент маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия дуруст қайд намудааст, ки хусусиятҳои такрористеҳсол дар кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки моҳият ва аҳаммияти ин равандро дар иқтисодиёти мамлакат дарк карда, барои идора кардани такрористеҳсоли одӣ ва васеъ дар бахши аграрии иқтисодиёт - хамчун соҳаи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ва амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон менеҷменти муосир ташкил карда шавад.

Натиҷаҳои илмию амалии бадастовардаи диссертант аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дорои дониши васеи назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда мебошад. Дар хулосаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф тавсияҳои илман асоснокро доир ба мукаммалнамоии идоранамоии раванди такрористеҳсолро вобаста ба сатҳҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмии дар рисола мавҷудбуда хуб мешуд, ки муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ бо дар назардошти ҳолати муосири таъминоти молиявии соҳа ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ба масъалаҳои молиякунонии раванди такрористеҳсоли васеи истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути рушди лизинг ва дигар намудҳои молиякунонии ҳозиразамон таваҷҷуҳ менамуд.

Эроду норасоиҳои ҷойдошта сатҳи илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад ва муаллиф дар иҷрои мақсади гузошташудаи худ муваффақ шудааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва методӣ дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқ шудаанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) диссертатсияи илмии анҷомёфта ва дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси

6D050700 - Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Тақризнавис:
д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Раҳматзода Ҳ.Б.

Имзои .Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода,30, саҳифаи интернетӣ e- mail: haydar57@mail.ru Телефон: (992) 221-35-50